Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ-масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо бахшида шуда, дарбаргирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи ишорашуда ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи солҳои сипаришуда, ба хусус пас аз қабул гардидани Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 нишон дод, ки масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба мукаммалгардонии куллӣ низ дорад. Зеро дар ин давра дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004,№35 ба 310 моддаи КҶ ҶТ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуд. Тағйиротҳои ба миёномада аз ҷумла, ба масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо низ, ки дар м.67-и КҶ ҶТ пешбини шудааст, дахл кард. Ҳамчунин, дар ин давра, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти алоҳидаи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ оид ба масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, анҷом дода нашудааст. Ҳамзамон, масъалаи таъини ҷазои ниҳоии одилона барои маҷмӯи ҷиноятҳои содиршуда, ки дар худ хусусиятҳои хоси принсипҳои адолат ва инсондӯстиро инъикос менамояд, ба талаботи ҷомеаи имрӯзаи мо созгор мебошад. Аз ин хотир, аз нигоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ анҷом додани таҳқиқоти илмӣ оид ба масоили мазкур мубрамияти бештарро соҳиб гардидааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар сатҳи Конституцсия эътироф гардидани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ ва инъикоси кафолати ҳифзи ин арзишҳо дар ҳама самтҳо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас, аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марҳилаи гузариш гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин,

бояд қайд кард, ки дар марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи ҷомеаи инсонӣ дар самти мубориза ба ҷиноятқорӣ бештар ба институти ҷазо афзалият дода мешуд, аммо вақт ва таҷрибаи замони нав нишон дод, ки муносибатҳои ҷазодиҳӣ дар ин масъала нокифоя мебошад. Вобаста ба ин дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ карда шудааст, бевосита оварда шудааст, ки «Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳими танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ҳифз менамояд. Ҷаҳонишавӣ, ба вуқӯъ омадани шаклҳои нави ҷиноятқорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва киберҷиноятҳо аз давлат талаб менамояд, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил диҳад. Ва бо мақсади таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ҳалли мушкилиҳои қонунгузории ҷиноятӣ аз қабили, таҳияи меъёрҳои ягонаи мушаххас барои муайян намудани намудҳо ва ҳадди ҷазо аз ҷумла барои маҷмӯи ҷиноятҳо зарур мебошад, зеро таъини ҷазои ҷиноятӣ тартиби дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмиро талаб менамояд, то ки гунаҳгор ҷазои сазовор гирифта, талаботи адлу адолат риоя гарданд ва чораҳои таъсирасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсаду ҳадафҳои назди ҷазо гузошташуда роҳандозӣ шуда, онҳо бояд дар ҳадди зарурӣ истифода бурда шаванд. Яке аз институтҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки метавон бо истифода аз он ба мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дар як маврид, ҷазо ноил шуд, ин масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳои содиршуда мебошад. Аз ин хотир, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таъини ҷазо барои ҷинояти ягона, ҳамчунин таъини ҷазоро барои маҷмӯи ҷиноятҳои содиршуда пешбинӣ намудааст. Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз лиҳози назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ ба худ муҳиммияти хосро доро буда, таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, баҳогузории таҷрибаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбинӣ намудани инкишофи минбаъдаи он бидуни ба роҳ мондани таҳқиқотҳои эмпирикӣ ва таҳлили илмии натиҷаҳои он имконнопазир мебошад. Зеро, бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири равандҳои мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмиллалӣ, мутобиқнамоии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, инкишофи забони давлатӣ, мукаммал гардонидани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, зарурати

такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, меъёрҳо вобаста ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо низ, ба миён омадааст. Аз дигар лиҳоз, такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо як қисми ислоҳоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар ҳамбастагӣ бо баҳодиҳии таҷрибаи судӣ вобаста ба масоили мазкур, ошкор намудани мушкилотҳое, ки ба рушди он дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд ва коркарди тавсияҳо оид ба ҳалли проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ равона карда шудааст.

Боиси ёдоварист, ки барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда унвонҷӯ дар назди худ **вазифаҳои** зеринро гузоштааст:

-таҳлили мафҳум, моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳо;

-таҳлили мафҳум ва намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-муайян намудани маҳакҳои фарқгузории маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда;

-омӯзиши асосҳои умумии таъини ҷазо;

-муайянсозии тартиби қоидаи татбиқи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо ҳангоми таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-тартиби интихоб ва таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо;

-коркард ва таҳия намудани тавсияҳои дахлдор оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва татбиқи он дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҳуқуқие мегарданд, ки бинобар аз тарафи шахси гунаҳгор содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳо ба вуқӯъ меоянд.

Мавзӯи (предмет) таҳқиқотро меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки масъалаи бандубаст ва таъини ҷазоро аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ба танзим медароранд, таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ аз рӯи парвандаҳои гурӯҳи мазкур, инчунин омӯзиши монографияҳо ва нашрияҳои илмӣ оид ба мавзӯи мавриди таҳлил қароргирифта ва маводи дигари эмпирикии аз ҷониби муаллиф ҷамъовардашуда мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки рисола яке аз нахустин корҳои илмии назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятии замони муосир дар бораи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани

тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17 майи соли 2004, №35, ки бевосита вобаста ба масъалаи мавриди таҳлил қарордошта ворид шуда буданд ба шумор рафта, аз навгониҳои зерин иборат мебошад:

- бори аввал дар рисолаи илмӣ таърихи пайдоиш ва инкишофи мафҳуми серушморагии ҷиноятҳо даврабандӣ гардида, муаллиф онро ба якчанд давраи инкишоф ҷудо намудааст. Ҳамчунин, муаллиф моҳият ва аломатҳои сершуморагии ҷиноятҳоро ба таври мушаххас нишон дода, дар моддаи алоҳида муқаррар намудани мафҳуми сершуморагии ҷиноятҳо ва намудҳои онро пешниҳод намудааст.

- дар рисолаи илмӣ мафҳуми маҷмӯи ҷиноятҳо, ки он ҳамчун як шакли сершуморагӣ аз омезиши миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои ягона ба вуҷуд меояд, намудҳои маҷмӯи ҷиноятҳо аз қабили, реалӣ ва идеалӣ ва аломатҳои фарқунандаи онҳо ба таври мушаххас муайян карда шудааст.

- дар рисолаи илмии мазкур маҳакҳои фарққунандаи маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои алоҳида содиршуда аз қабили, фарқияти он аз ҷиноятҳои дарозмуддат, ҷиноятҳои давомдор ва ҷиноятҳои ягонаи мураккаб муайян гардидаанд.

- мафҳуми назариявии асосҳои умумии таъини ҷазо муайян карда шуда, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳо ҳамчун меъёри таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, баҳогузории шахсияти гунаҳгор ҳамчун яке аз меъёрҳои таъини ҷазо ва ҷойи ҳолатҳои сабуккунанда вазнинкунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо дар алоҳидагӣ нишон дода шудаанд.

- дар рисолаи илмӣ қоидаҳои муайян (алгоритм) оид ба таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо аз рӯи принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар, пурра ё қисман зам намудани ҷазоҳо пешкаш гардидаанд, ки имконият медиҳанд таъсири онҳо ба намуд, муҳлат ва андозаи ҷазо инъикос карда шаванд. Ҳамчунин, навгонии дигари илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки асоснокии зарурати дар моддаи алоҳида муқаррар кардани тартиби таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки барои яке аз ин ҷиноятҳо ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст, амалан асоснок гардидааст.

- дар рисолаи илмии мазкур мафҳум, тартиби интихоб ва таъини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо муайян гардида, навгониҳо оид ба бартараф намудани таҷрибаи судӣ пешниҳод мегарданд.

Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо ташкил медиҳанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хоричӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни институти таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳияи рисола муаллиф ба асарҳои Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, И.Р. Абдурашидов, И.Р. Тулиев, З.С. Тайфуров, Н.Б. Азимов, Б.Х. Сайдамиров, Е.В. Благов, Г.Г. Криволапов, Л.Л. Кругликов, Ю.А. Красиков, А.С. Никифоров, В.Н. Кудрявсев, В.П. Малков, В.И. Пинчук, М.Н. Становский, А.М. Яковлев ва дигарон такя намудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба масъалаи таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо иборат мебошад.

Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ метавонад истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ гардаанд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардани маҷмӯи ҷиноят ва интихоби дурусти қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо танзим карда шаванд; дар фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар рафти таълим, аз ҷумла зимни омӯзиши дарсҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷои ҷазои ҷиноятӣ инчунин, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни асосҳои таъини ҷазо, таҳқиқоти магистрӣ ва диссертатсионӣ истифода намуд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуқтаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин хотир, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси

12.00.08-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва кириминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарипов Т.Ш.**

Суроғa: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, м.Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

Имзои Шарипов Т.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«26»_____2022с.